34
81

Ч. Айтматов ат...дагы тил жана адабият институту
Кол жазмалар фондусу
Инв. № 82
Кыргыз Республикасынын Улуттук илимдер академиясы
Гуманитардык жана экономикалык илимдер бөлүмү

34-81

Ҳ. Каримов

# زبان فارسی

# ЗАБОНИ ФОРСӢ

## КИТОБИ АВВАЛ

БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМИ
МАКТАБҲОИ ТОҶИКӢ

Ҳ. Каримов

زبان فارسی

# ЗАБОНИ ФОРСӢ

## КИТОБИ АВВАЛ

БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМИ
МАКТАБҲОИ ТОҶИКӢ

ЧОПИ II

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ АДАБИЁТИ
ТАЪЛИМӢ-ПЕДАГОГИИ
ВАЗОРАТИ МАОРИФИ РСС ТОҶИКИСТОН
Сталинобод 1961

## МУКАДДИМА

Мо забони форсии имрӯзаро меомӯзем.

Забони форсӣ ва тоҷикии имрӯза ба ҳамдигар наздиканд, аммо фаркҳое низ дар байни онҳо мавҷуданд.

Забони тоҷикӣ аз форсӣ аз ҷиҳати овозӣ (фонетикӣ) фарк мекунад, яъне, ҳар яки ин ду забон дорои овозҳо ва оҳангҳо ва қоидаҳои фонетикии ба худ хосе мебошанд.

Забони тоҷикӣ аз форсӣ аз ҷиҳати луғат фарқ мекунад, яъне, ҳар яки ин ду забон дорои луғатҳо ва қоидаҳои калимасозии ба худ хосе мебошанд.

Забони тоҷикӣ аз форсӣ аз ҷиҳати сохти грамматикӣ фарқ мекунад, яъне, ҳар яки ин ду забон дорои қоидаҳои грамматикии ба худ хосе мебошанд.

Барои ёд гирифтани забони форсӣ омӯхтани хусусиятҳои хоси он забон бисьёр муҳим аст.

Хати (графикаи) форсӣ арабӣ аст. Азбаски хати арабӣ овозҳои форсиро пурра ифода карда наметавонад, мо барои ошноии умумӣ ва дурусттар талаффуз кардани овозҳои форсӣ аз транскрипция фоида мебарем.

Транскрипция ҳарфҳои шартӣ мебошанд, ки бо онҳо овозҳои нутқ тасвир карда мешаванд. Транскрипцияе ки ба кор мебарем, дар асоси хати русӣ сохта шудааст.

Дар транскрипция ҳарфҳои калон вуҷуд надорад.

# Овозҳои забони форсӣ

## А. САДОНОКҲО

Забони форсии имрӯза 8 овози садонок дорад, ки онҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд.

Гурӯҳи якӯм садонокҳои холис номида мешаванд, микдори онҳо 6-то буда иборатанд аз **и, е, а, у, о, ӑ.**

Гурӯҳи дуввӯми садонокҳои форсӣ садонокҳои мураккаб (дифтонгҳо) номида мешаванд. Микдори онҳо 2-то буда иборатанд аз **еи, оу.**

### САДОНОКҲОИ ХОЛИС

#### ОВОЗИ а

Овози садоноки **а** дар забони форсӣ ба ҷои овози **о**-и тоҷикӣ ба кор бурда мешавад, аммо ин овоз аз **о**-и тоҷикӣ фарқи калон дорад. Фарқи муҳимтарини **а**-и форсӣ аз **о**-и забони мо иборат аз он аст, ки дар вақти талаффузи овози **а**-и форсӣ ақиби забон ғунтар шуда забон чандон аз ком паст намеравад, кунҷи лабҳо хурд намешавад ва лабҳо чандон пеш намебароянд. **а**-и форсӣ ба **а**-и заданоки русӣ хеле наздик аст (масалан, ба **а**-и якӯми галка, ваша).

Барои талаффузи **а**-и форсӣ даҳанро барои талаффузи **а**-и тоҷикӣ тайёр карда **о** талаффуз кардан лозим аст.

*Супориши 1.* Калимаҳои зеринро аввал ба тарзи тоҷикӣ ва баъд ба форсӣ талаффуз кунед:

об — аб, ободӣ — абад, орд — ард, шом — шам, боб — баб, бобо — баба, момо — мама, борон — баран, нон — нан.